**СУРАТМАҶЛИСИ № 49**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

09 январи соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражи: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Ғаюрзода Ш.К., аъзоёни комиссияи ташхис доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, професор, Муртазозода Ҷ.С., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбонов Қ.Б., баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражи: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ, д.и.ҳ, профессор, Раиси комиссияи Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;

– Мирзоев Парвиз Исроилович, н.и.ҳ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 07 майи соли 2024 соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**